“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисод, профессор
Хушвахтзода Қ.Х. ____________
"__26__" ______________ с. 2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон оид ба аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи Гадоев Маъруф Аҳмадович дар мавзӯи: “Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ пешниҳод карда шудааст.**

**Аҳамияти таҳқиқот.** Ҳамасола дар ҷаҳон ҳолати нави сироятҳои урогениталӣ ба қайд гирифта мешавад. Сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (СБРАҶГ) яке аз мушкилоти мубрами соҳаи тиб ба шумор меравад, ки ин ба басомади зиёди паҳншавӣ ва хатари баланди рушди оризаҳои вазнини онҳо вобаста аст. СБРАҶГ аксар вақт дар якҷоягӣ бо дигар барангезандаҳо, ки хатари ҷиддии тиббӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ доранд, вохӯрдан мумкин аст. Яке аз сабабҳои асосии афзоиши бемориҳои СБРАҶГ ин сатҳи пасти вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва муҳоҷирати он мебошад. Дар байни сабабҳое, ки боиси афзоиш ва паҳншавии СБРАҶГ мешаванд, бемориҳои ҳамроҳшудаи махсус қайд мегарданд, ки ба норасоии масуният бурда мерасонанд. Ба чунин бемориҳо сили шуш мисол шуда метавонад. Дар беморони гирифтори СБРАҶГ ва сили шуш, омилҳои хавфи якхелаи паҳншавӣ, ба монанди майли беморон ба одатҳои бад, омилҳои иҷтимоӣ ошкор карда шуданд. Тибқи маълумоти адабиётҳо дар гурӯҳи беморони аз 15 то 24 сола омезиши сирояти сил ва сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ошкор карда шудааст, ки зимнан дар тӯли 5 соли охир шумораи беморони сили синнусоли то 25-сола бори аввал зиёд шудааст. Ин

вазъиятро асосан талаботҳои физиологии ҷавонон, ки онҳо низ аксар вақт ба сирояти бемории сил гирифторанд, ба вуҷуд овардааст. Муаллифон боварӣ доранд, ки синну соли ҷавонӣ омили номусоиди афзоиши бемории сил мебошад, хусусан дар байни занон, ки солҳои охир бемории сили шуш дар байни онҳо 35,2% афзудааст. Дар анамнези 24,0% занони гирифтори сили фаъоли шуш сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ошкор карда шудааст. Дар таҳқиқоти баъзе муаллифон маълум карда шуд, ки дар беморони гирифтори шаклҳои харобиовари сили шуш дар 73% ҳолатҳо сироятҳои хламидиявӣ ва микоплазма ошкор карда шудаанд. Бори аввал дар Тоҷикистон зуҳуроти клиникӣ ва лабораторӣи СБРАҶГ дар беморони гирифтори сили шуш омӯхта шуданд. Исбот шудааст, ки СБРАҶГ тавассути беморони гирифтори сили шуш дар синнусоли репродуктивӣ нисбат ба беморони гирифтори СБРАҶГ-и бе сироятҳои ҳамроҳшудаи сил зиёдтаранд.

Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он аст, ки муқарраротӣ назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълимии мактабҳои олии тиббӣ истифода бурда шаванд. Дар тадқиқот усулҳои клиникӣ ва асбобии таҳқиқот ва усулҳои ташхиси сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда истифода шуданд: иммунофлуоресценсияи мустақим, реаксияи занҷири полимеразӣ, таҳлили иммуноферментӣ. Дар беморони сили шуш хусусиятҳои ҷараёни клиникии сироятҳои урогениталӣ, ҳолати масунияти ҳуҷайравӣ ва гуморалӣ ва вазъи интерлейкин омӯхта, бо назардошти вайроншавиҳои ошкоршуда муолиҷаи комплексӣ таҳия карда шуд.

Ҳоло воситаҳо ва усулҳои зиёди барои табобати СБРАҶГ ва сили шуш истифодашаванда такроршавӣ, аксаран шиддати ин бемориро пешгирӣ намекунанд ва Гадоев М.А., ки дар рисолааш баъзе ҷанбаҳои патогенез, омилҳои хавф, хусусиятҳои клиникӣ ва иммунологиро таҳқиқ кардааст ва усулҳои нави муассири табобати беморонро пешниҳод кардааст, муҳим ва саривақтӣ мебошанд.

**Мувофиқати мазмуни рисола ба ихтисос.** Рисола бо услуби анъанавӣ навишта шуда, ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ аст ва аз муқаддима, шарҳи адабиёт, боб бо тавсифи мавод ва усулҳои таҳқиқот, 3

боби натиҷаҳои таҳқиқоти шахсӣ, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки дорои миқдори кофии манбаъҳои муосир бо забони русӣ ва забонҳои хориҷӣ мебошад, иборат аст. Рисолаи илмӣ 159 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

Рисола аз рӯйи мундариҷа ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ мувофиқ аст, ки маҳз бо банди 1 - «Ҷанбаҳои мухталифи патогенези бемориҳои пӯст ва бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш (таҳқиқоти клиникӣ, патоморфологӣ, генетикӣ, иммунологӣ, биохимиявӣ, функсионалӣ, серологӣ дар динамикаи беморӣ)»; банди 3 – «Зуҳуроти муосири клиникии бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ бо сили шуш ва нақши онҳо дар ташхиси маҷмӯӣ. Ошкор кардани алоқаи иллатҳои пӯст бо дигар бемориҳои узвҳо ва системаҳо. Муқоисаҳои клиникиву озмоишгоҳии бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ ва сили шуш. Мукаммал гардонидани ташхиси дерматозҳо бо истифода аз усулҳои клиникӣ, озмоишгоҳӣ, функсионалӣ ва дигар усулҳои тадқиқот. Ташхиси тафриқавии дерматозҳо ва сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш»; банди 4 - «Такмили бемориҳои табобати пӯст ва бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш дар асоси таҳқиқоти охирин дар бораи этиология ва патогенези онҳо. Таҳияи меъёрҳои нави табобат»; банди 5 – «Такмил додани усулҳои пешгирии аввал ва дуввуми дерматозҳо ва сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш. Усулҳои диспансерии кор бо беморони гирифтори бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ мувофиқ аст».

**Саҳми унвонҷӯ дар ҳалли мушкилоти илмӣ.** Рисолаи Гадоев М.А., кори тахассусии илмӣ буда, аввалин тадқиқоти маҷмӯӣ дар ҶТ дар самти омӯзиши ҷанбаҳои этиологӣ ва клиникӣ-патогенетикии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар заминаи сирояти сили шуш, усулҳои нави самараноки табобати беморони СБРАҶГ ва сили шуш таҳия ва татбиқ карда шуданд, ки барои соҳаи тандурустӣ аҳамияти бузурги илмию амалӣ доранд.

Нақшаи пешниҳодшудаи рисола ва сохтори мантиқии он масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки барои ҳалли бомуваффақияти масъалаи таҳқиқшаванда аҳамияти хос доранд. Унвонҷӯ дар маводи кофии клиникӣ корҳои зиёдеро бо истифода аз усулҳои муосири иттилоотӣ ва усулҳои таҳқиқот ва табобат анҷом додааст. Вазифаҳои таҳқиқоти дар рисола гузошташуда ба ҳадафҳои тадқиқот мувофиқ мебошанд, пурра иҷро шудаанд ва манфиати илмӣ доранд.

Муқаррароти асосии рисолаи илмӣ асоснок карда шудааст, натиҷаҳои бадастомада дар робита бо усули илмии асоснок бо истифодаи усулҳои муосири иттилоотӣ барои ташхиси беморон, ки вазифаҳои гузошташуда мувофиқ мебошанд, истифодаи оқилонаи таҳлили математикӣ ҳангоми коркарди омории маводи илмӣ боэътимод мебошанд.

Натиҷаҳои асосии илмии рисола ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои кор ба таври илмӣ бо таҳлили амиқи маводи клиникӣ асос ёфта, аз мундариҷаи рисола, ки моҳияти корро инъикос мекунанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд.

Автореферат, ки аз 49 саҳифа иборат аст (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), муқаррарот ва натиҷаҳои асосии илмии рисоларо шарҳ медиҳад. Мӯҳтавои автореферат бо рисола комилан мувофиқ аст. Рисола ва автореферат бо забони адабӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии унвонҷӯ ба дастомада, навоварии онҳо.** Унвонҷӯ миқдори зиёди тадқиқоти клиникӣ ва озмоишгоҳиро анҷом дода, бори аввал дар илми тиббии ватанӣ омилҳои пайдоиш, зуҳуроти клиникӣ ва иммунологиро дар беморони гирифтори СБРАҶГ ва сили шушро омӯхтааст ва усулҳои нави самараноки табобати ин бемориро пешниҳод кардааст. Рисола дорои навоварии илмӣ аст.

Бори аввал дар Тоҷикистон зуҳуроти клиникӣ ва лаборатории сироятҳои урогениталӣ дар беморони гирифтори сили шуш омӯхта шуданд. Исбот шудааст, ки сироятҳои урогениталӣ тавассути беморони гирифтори сили шуш дар синну соли репродуктивӣ нисбат ба беморони гирифтори

сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузарандаи урогениталии бе сироятҳои ҳамроҳшудаи сил 1,9 маротиба зиёдтаранд (54,1% ва 35,6% ҳолатҳо).

Муайян карда шудааст, ки дар беморони сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 100 ҳолат (74,1%) ба шакли сироятҳои омехта намояндагӣ мекунанд, ки дар 55% -и ҳолатҳо хламидиоз ва дар 115 (85,2%) ҷараёни музмин характернок мебошад. Муайян карда шуд, ки дар 38 (46,9%) мардони гирифтори сили шуш сироятҳои урогениталӣ тавассути илтиҳоби ғадуди простата ва дар 21 (38,9%) занон тавассути салпингоофорит мураккаб мешаванд.

Бори аввал исбот карда шудааст, ки дар беморони сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 88 ҳолат (65,2%) дар заминаи вайроншавии системаи интерлейкин ҷараён мегиранд.

Бори нахуст таъсирбахшии Азитромитсин ва иммуностимулятор Тимогар дар табобати маҷмӯии бо муолиҷаи зиддисилии антибактериалӣ исбот карда шуд, ки ба баланд шудани самаранокии клиникӣ ва этиологии он ва ба эътидол овардани ихтилоли масунии беморон мусоидат кард.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ усулҳои муосири иттилоотии ташхиси параклиникиро истифода кардааст. Теъдоди кофии мушоҳидаҳои клиникӣ, истифодаи усулҳои муосири санҷишҳои озмоишгоҳӣ, коркарди дақиқи оморӣ аз эътимоднокии натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд.

**Аҳамияти амалии ин таҳқиқот** дар он аст, ки омилҳои минтақавии тиббӣ ва иҷтимоӣ муайян шудаанд, ки ба пайдоиши ин беморӣ мусоидат мекунанд.

Муайян шудааст, ки беҳтарсозии муолиҷаи сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ки гирифтори сили шуш мебошанд, асоси таҳқиқотро ташкил медиҳад. Ҳолати вайроншавиҳои иммунологии хоси ин беморон ва муолиҷаи дарозмуддати антибактериявии зидди сил ба табиати нишондиҳандаҳои субъективӣ, объективӣ ва иммунологӣ таъсир мерасонад.

Унвонҷӯ усули нави коркарди комплексии муолиҷаи сироятҳои урогениталӣ, ки ба механизмҳои этиопатогенетикӣ ва иммунологии рушди

сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузарандаи урогениталӣ дар заминаи сирояти сили шуш равона гардидааст таҳия намуда, ки самаранокии табобатро ба таври назаррас беҳтар менамояд.

Усули табобати беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузарандаи урогениталӣ дар заминаи сирояти сили шуш, ки онро муаллиф таҳия кардааст, аз ҷониби духтурони дар муассисаҳои тибби пӯсту зӯҳравӣ ва фтизиатрияи ҷумҳурӣ истифода бурда мешавад. Он дар амалияи табибони Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул, дар раванди таълим дар кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ҷорӣ карда шудааст.

**Мувофиқати ихтисоси илмии унвонҷӯ**

Унвонҷӯ ҳамаи талаботи заруриро барои санҷиш, нашр ва татбиқи маводи рисола дар амал иҷро кардааст. Маълумот дар бораи муқарраротиасосии рисола дар конфронсҳо ва анҷуманҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст. Оид ба мавзӯи рисолаи илмӣ 11 мақола ба табъ расонида шудааст, аз ин шумора 5 мақола дар нашрияҳое, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мебошанд, чоп шудааст. Мундариҷаи кор бо натиҷаҳои таҳқиқот комилан мувофиқ аст.

Рисолаи М.А. Гадоев дар мавзӯи “Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш” кори мукаммали илмию тахассусӣ мебошад, ки дар асоси тадқиқоти муаллиф ҳалли масъалаи муҳими илмию амалӣ, ки барои дерматовенерология аҳамият дорад, иҷро карда шудааст.

Аз нуқтаи назари муҳимият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳо, асарҳои пешниҳодшуда ба талаботҳои фасли 3, бандҳои 31, 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ…», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 барои диссертатсияҳои номзадӣ тасдиқ гаштааст, барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ пешниҳод шудааст,

мувофиқ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии дархост кардааш сазовор аст.

Рисоларо барои дифои дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси «Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ» пешниҳод кардан мумкин аст (14.01.10).

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи физиологияи патологӣ ва анатомияи патологӣ бо тибби судӣ ва кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида ва муҳокима карда шуд (Пайнавишти № 9 аз 24 05 соли 2022) дар ҷаласа иштирок доштанд 27 нафар зид нест, бетараф нест, барои тасдиқ пешниҳод шуд.

**Раис:**
**Декани факултети тиббӣ,**
**доктори илмҳои тиб, профессор** **Талабзода М.С.**

**эксперт:**
**Мудири кафедраи физиологияи патологӣ**
**ва анатомияи патологӣ бо тибби судӣ,**
**духтури бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ,**
**номзади илмҳои тиб, дотсент** **Нуралиев М.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**Номзади илмҳои тиб, дотсент** **Абдуллоева М.А.**

Имзоҳои М.С. Талабзода, М.Д. Нуралиев ва
М.А. Абдуллоеваро тасдиқ мекунам
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси – и ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

*Маълумот барои тамос: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Суроға: 735001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Ш. Душа нбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.*
*Тел: +992216225*
*E – mail: info@tnu.tj*
*Web-site:www. tnu.tj*

26. 05. с. 2022